Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17

# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.

Масъалаи озодии инсон аз масоили муҳимтарини илмҳои фалсафӣ ба ҳисоб рафта, мутафаккирони соҳибандеша дар ҳама марҳилаҳои рушди тафаккур ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Инсон ва шинохти мазмуну моҳият, инчунин фаъолиятҳои он дар саргаҳи таълимотҳои фалсафӣ қарор дошта, масоили дигар дар алоқамандӣ бо ин шакли ҳастӣ таҳлилу баррасӣ мегарданд. Т.И. Ойзерман дуруст қайд менамояд, ки “то он даме, ки инсоният вуҷуд дорад, масъалаи инсон замонавӣ ва доғи рӯз аст». Бо назардошти андешаҳои баёншуда хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Зикирзода Ҳобил ба мавзуи муҳими фалсафӣ бахшида шудааст.

Диссертант асоснок кардааст, ки “дар шароити ҷаҳони муосир, ки хусусияти анҷомёбии ҳукмронии секулярӣ дошта, бо табдили он ба болоравии арзиши ҳуввияти этнофарҳангӣ, динӣ ва идеологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ робита дорад, мушкилоти таҳқиқи консепсияҳои табиати инсон, озодӣ, фармонбардорӣ ва ҳуқуқҳои табиии ӯ аҳамияти хосаро доро мешаванд. Консепсияи муосири озодӣ ва фармонбардории инсон бо хусусияти умумибашарии он, қолабҳои муқарраршудаи озодии виҷдони фард бо далели тафовути фарҳангҳо, ҳатмӣ мутобиқат надоштани он ба як қолаби муайяни ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад ва формулаи ягонаи аклонии ахлоқӣ ё динии озодии инсон вуҷуд надорад, ки ҳама бояд ба он мувофиқат кунанд. Ба маънои дигар, вазъияте ба вуҷуд меояд, ки барои дарки фарҳанги муайян бояд ба сарчашмаҳои пайдоиши ин консепсия рӯ овард. Мушаххасан баррасӣ ва таҳлил

намудани имкониятҳои татбиқи қолабҳои озодии инсон бо омӯзиши вижагиҳои он дар фарҳанги халқҳои гуногун ва давраҳои мухталиф бо бардошти арзишҳои муҳимтарини онҳо ба аҳамияти таҳқиқотамон дар бораи озодӣ ва фармонбардорӣ далолат мекунад". (Дисс. саҳ.3)

Аҳамияти таҳқиқоти фалсафаи озодӣ дар осори машшоиёни шарқӣ ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки дар замони муосир, ки таърих ва сарнавишти инсон пур аз таҳлукаю изтироб аст, омилҳо ва сабабҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки муҳаққиқонро водор мекунанд, ки гаштаву баргашта ба афкор ва ақоиди мутафаккирони гузаштаи исломӣ дар мисоли машшоиёни шарқӣ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги тоҷикон, рӯ орем. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии оммаи мардум дар кишварҳои минтақаи этнофарҳангии тоҷику мусулмон иртибот доранд, аҳамияти озодии инсонро дар қолабҳои фалсафии исломӣ дар муқобили озодии инсон дар қолабҳои идеологӣ ва сиёсии ислом ва ноустувории ин қолаби муқарраршударо нишон доданд. Аз ин ҷо, баррасӣ ва таҳлили афкори мактабҳои ақлгароии ислом, алалхусус, мактаби фикрии машшоияи шарқӣ ва файласуфони барҷастаи он, саъю кӯшишҳои муваффақ ва бобарори онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодӣ ва фармонбардории инсон бағоят муҳим аст.

Бо дар назардошти ин матлаб бояд гуфт, ки муҳаққиқон ва олимони гуногун доир ба консепсияи озодӣ дар таҳқиқи фалсафаи озодии машшоиёни шарқӣ вобаста ба тафовутҳои маъноӣ ва консептуалии онҳо, ин мафҳумро дар ченакҳо ва нуқоти назари мухталиф баррасӣ кардан лозим аст ва бо гирифтани маълумоти бештар дар бораи истифода, вазифа ва ҳадафҳои онҳо дар бораи ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии халқу миллатҳои гуногун ба шинохти бештар ноил гаштан мумкин аст.

Муаллифи рисола аҳамияти мавзуи барои таҳқиқ интихобшударо дар заминаи баррасӣ ва таҳлили имкониятҳои татбиқи қолабҳои озодии инсон бо омӯзиши вижагиҳои он дар фарҳанги халқҳои гуногун ва давраҳои мухталиф,

бо бардошти арзишҳои муҳимтарини онҳо ба аҳамияти таҳқиқоти мазкур дар бораи озодии инсон ва шахс, ҷустуҷӯи арзишҳою ормонҳои нав, ки бо азму иродаи озоди инсон иртибот доранд, дар асоси муқоисаи онҳо бо таълимоти мутафаккирону файласуфони даврони гузашта дар мисоли машшоиёни шарқӣ ва замони муосир ва ғайра асоснок кардааст.

Ҳамин тариқ, бо итминон гуфта метавонем, ки диссертант тавонистааст, бо далелҳои муътамад аҳамияти мавзуи таҳқиқотии худро исбот намуда, ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасро муайян кунад. Ҳадафи таҳқиқот омӯзиши асосҳои фалсафии озодӣ дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ буда, вазифаҳои гузошташуда аз он бармеоянд ва бо объекти диссертатсия пайванди мантиқӣ доранд.

Қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шуда, сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқотӣ мувофиқ ба меъёр ва талаботҳои методологияи илмӣ коркард шудаанд. Чунин муносибати муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки диссертант мақсади таҳқиқи худро мушаххас намуда, нишон диҳад, ки мавзуъ ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашуда таҳқиқталаб мебошад.

Бахшҳои дигари диссертатсия, аз қабили объект, предмет, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг ва бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта, мувофиқ ба талаботҳои илмӣ таҳия шудаанд. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва мантиқан пайваст намудани масъалаҳои мазкур қобили таҳсин мебошад. Ин амали муаллифи диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ мавриди коркард қарор бигирад.

Усулҳои умумимантиқӣ, герменевтикӣ ва муқоисавӣ асоси методологии диссертатсияро ташкил менамоянд. Диссертант бо истифода аз методҳои мазкур равиши дурусти таҳқиқро роҳандозӣ ва хулосаҳои мантиқиро пешниҳод карда, ба ҳадафи гузоштаи худ расидааст. Навгониҳои илмии диссертатсия аз

мухтавои кори илмӣ маншаъ гирифта, мазмун ва моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаъҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам буда, аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

Аҳамияти илмию амалӣ, асосҳои назариявӣ ва пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Саҳми шахсии диссертант дар раванди анҷом додани кори илмӣ равшан аст. Иштироки муаллиф дар конференсияҳои сатҳи байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маърузаҳои ӯ аз мустақилияти фикрии диссертант шаҳодат медиҳанд. Маводи илмии чопнамудаи диссертант: монографияи илмӣ, мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мазмуни кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, қисми муқаддимавӣ, ки дар он аҳамият, дараҷаи инкишоф, объект ва предмет, ҳадаф ва вазифаҳо, методологияи тадқиқот, навгонии илмӣ ва муқаррароте, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, инчунин рӯйхати адабиёт комилан мувофики талаботи илмӣ ба ин гуна таҳқиқот гузошта мешаванд, мураттаб шудаанд.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст, ки аз ҷиҳати сохтор мувофиқ ба талаботҳои илмӣ мебошад. Муқаддима, боби заминавӣ ва бобҳои асосии диссертатсия бо ҳамдигар алоқаманд ва якдигарро пурра мегардонанд.

Боби якум «**Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ**» аз ду фасл иборат буда, ба таҳқиқи мафҳуми озодии инсон, таърифҳо, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот ва инчунин таҳлили омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ бахшида шудааст. Дар фасли дуюми ин боб муаллиф дар бораи якчанд сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии ғояи озодии инсон дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ ибрози назар намуда, ба

ақидаҳои ақлгароёна оид ба ин масъала дар фалсафаи Юнони Қадим, инчунин мактабҳои ақлгароии шарқӣ ва мутафаккирону файласуфони намояндагони алоҳидаи онҳо таваҷҷуҳ намудааст, ки онҳо дар фаҳмиш ва баррасии ин масъала мақоми хоса доштаанд. Манбаи дигари ин таълимоти машшоиёини шарқӣ равияҳои динӣ-фалсафӣ мебошанд, ки тибқи онҳо озодӣ ба инсон имкон медиҳад, ки шаъну шарафи худро нигоҳ дорад, аммо дар чаҳорчӯбаи динӣ: инсон на ғуломи иҷтимоӣ, балки ҳамчун банда дар маънии динии он фаҳмида мешавад Сарчашмаи ғоявии дигар барои таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон ин ақидаҳои баъзе пайравони мактаби калом мебошад, ки саволеро матраҳ намуда, ки оё нуқтаи назари навро дар робита ба масъалаи сарнавишти аз ҷониби Худо муайяншуда қабул кардан мумкин аст ва ё на ва дар натиҷа, назарияеро дастгирӣ мекарданд, ки одамон мувофиқи иродаи озодашон амал мекунанд.

Машшоиёни шарқӣ озодии инсонро на фақат дар вобастагӣ ба масъалаи иродаи инсон ё иродаи Худо, балки дар муайян намудани таносуби дин ва фалсафа, нақши инсон дар ҷомеа ва ғайра низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медоданд. Машшоиёни шарқӣ мутмаин буданд, ки камолоти қувваи ақл боиси пайвастшавии ҳастии инсон ба қудрати илоҳӣ мегардад, ки ин озодии шахсӣ ва маънавии ӯро таъмин карда метавонад.

Боби дуюм «**Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ**» ном гирифта, дар он масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ, инчунин дар иртибот бо ҷабр ва ихтиёр ҳамчун омилҳои муайянкунандаи моҳияти озодии инсон, қазову қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон, озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегирад. Масъалаи озодӣ дар заминаи таносуби байни масъалаи ҳастӣ, вуҷудият, мавҷудият бо моҳияти онтологии инсон аз ду ҷанба баррасӣ мегардад: аввалан, озодӣ дар робита бо моҳияти мавҷудоти дигар ва ҳамчун имконияти одии ҳастии инсон ва сониян, озодӣ дар

робита бо имконияти худшиносии инсон дар ҳалқаи ин мавҷудот. Дар ин ҳол, муаллиф онтологияи озодиии машоиёни шарқӣ дар доираи диалектикаи гузариш аз «зулмат» ба «рӯшноӣ» ва аз «ботил» ба «ҳақиқат», назарияи машшоии «вуҷудият» ро дар доираи фалсафии сабабият ва озодьӣ ҳам аз нигоҳи метафизикӣ ва ҳам ақлгароӣ баррасӣ мегардад. Яке аз омилҳои муҳимтарин барои пайдоиши афкори озодихоҳӣ ва озодипарастӣ дар таълимоти файласуфони машшоиёни шарқӣ ин равиши шаккокият ё шаккгароӣ (скептитсизм) ва интиқодгароӣ (крититсизм) мебошад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки шаккокигароии шарқӣ падидаест, ки он табиати дугуна дорад: аз як тараф, тафаккури динӣ-фалсафӣ ва аз ҷониби дигар, тафаккури фалсафӣ-илмӣ, ки манзараи оламро ба таври гуногун тасвир мекунанд. Муаллиф инчунин озодиро дар доираи феъле, ки аз рӯйи ирода содир мешавад, тавсиф намуда, онро аз назари ин мутафаккирон як феъли ихтиёрӣ шуморида, таъкид намудааст, ки ҳамаи онҳо ба назария дар бораи ҷабр ва ихтиёри инсон муътақид буданд, ки ба вуқуъ пайвастани онҳо дар ҷомеа ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ бояд барои зиндагии фаъоли инсон мусоидат намояд.

Боби сеюм «**Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ**» ба таҳқиқ ва таҳлили масоили озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс, адолат ҳамчун заминаи асосии озодии инсон, озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ, таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ бахшида шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки принсипи ихтиёри озод – интихоби яке аз ду қувваи бо ҳам мутақобилу мутазод аст ва ин қувва- ирода, ва ирода ин ихтиёр аст. Яъне он интихоби алтернативаҳои имконпазир дар интихоби афъол ва рафтор мебошад. Аз нуктаи назари фалсафаи машшоиёни шарқӣ, қудрат ва иродаи озод маънои онро доранд, ки агар инсон бихоҳад, амали муайянеро анҷом медиҳад ва агар нахоҳад, аз он даст мекашад. Ба маънои дигар, инсон дар

иҷрои рафтору кирдори худ соҳибихтиёр ва масъул аст. Дар диссертатсия масъалаи озодӣ аз тариқи мафҳуми адолат баррасӣ мeёбад, ки масалан, дар доираи таълимоти Форобӣ бо назарияҳои ӯ дар бораи сиёсати шаҳрдорӣ (ас-сиёса ал-маданийа) таҳқиқ мешавад. Ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Синою Насируддини Тусӣ масъалаи адолат ба таври куллӣ ба дунболи масъалаи фазилати инсон ва ормонҳои он, ки тибқи онҳо ҷомеа барои рафъ намудани табъизу зӯроварӣ ва нобаробарӣ талош меварзад, баррасӣ мeёбад.

Муаллиф дар диссертатсия масъалаи ба таври кофӣ мураккаб – озодӣ дар таълимоти машшоиёни шарқиро аз нигоҳи муқоисавӣ бомуваффақият ҳаллу фасл ва таҳлил мекунад. Ба хамин тариқ, метавон гуфт, ки асари баррасишаванда ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дар доираи илмӣ аҳамияти хосса дошта, дар он муаллиф барои ҷамъбаст ва ба низом даровардани доираи васеи осори мутафаккирони машшоӣ ва ғайри онҳо, инчунин муҳаққиқони зиёди Ғарбу Шарқ кори назаррасеро анҷом додааст. Натиҷаи ин кор ба ӯ имконият додааст, ки ҳадафу вазифаҳои дар диссертатсия гузошташударо моҳирона ба иҷро расонад.

Бояд қайд кард, ки муаллифи диссертатсия Зикирзода Ҳ. Қобилияти хуби озодона истифода бурдани маводи илмии васеи назариявиро дошта, фарҳанги баланди таҳқиқотиро нишон медихад. Кори диссертатсионии тақризшаванда навовариҳои илмӣ дорад. Ба ғайр аз навгониҳои дар диссертатсия зикршуда, инчунин яке аз навовариҳои илмии онро метавон матлабе донист, ки муаллиф кӯшиши пайвастагии назарияи муҳтавои корро бо дарки иҷтимоию фалсафии муҳити ташаккул ва фаъолияти равандҳои озодии инсон дар ҷомеа ба ҷо оварда, вобастагии байниҳамдигарии омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, инъикоси онҳо дар шахсият ва тафаккури инсон ва фаъолияти ниҳодҳои ахлоқию ҳуқуқии ҷомеаро нишон додааст. Ба ғайр аз ин, муаллиф равишҳои анъанавии таҳқиқотиро сарфи назар накарда, онҳоро аз рӯйи чанд самт ба кор мебарад. Зикирзода Ҳ. аз уҳдаи ин вазифа низ бомуваффақият

баромадааст, зеро вай на танҳо падидаи сохторӣ ва вазифавии озодиии инсонро дар таълимоти машшоиёни шарқӣ муфассал таҳқиқ кардааст, балки дар руҳияи муколамаи методологӣ дидгоҳҳои мухталифи муҳаққиқонро муқоиса ва таҳлил намудааст.

Навоварии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо муқаррароте, ки барои ҳимоя пешкаш мегардад, тасдиқ карда мешавад. Илова бар ин, эътимоднокӣ ва нав будани пешниҳодҳо, хулосаю тавсияҳои илмӣ, пеш аз ҳама, бо он собит мегардад, ки 311 номгӯи адабиёти илмӣ ҳамчун сарчашмаи таҳлили фалсафӣ барои таҳқиқи масъалаи озодии инсон ҷалб шудааст, ки аксари онҳо сарчашма ва матнҳои аслӣ, аввалӣ мебошанд. Сониян, эътимоднокии таҳқиқотро комплекси хуби методологии омӯзиш, муайян намудани принсип ва усулҳои таҳлил тасдиқ мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳ. Зикирзодаро ҳамчун як таҳқиқоти мукаммал, маҷмуъӣ ва байнифаннӣ баҳогузорӣ кардан мумкин аст. Он муаллифро ҳамчун мутахассиси ба қадри кофӣ салоҳиятдор дар соҳаи таърихи фалсафа тавсиф медиҳад. Эътимоднокии маводи баррасишудаи диссертатсияро инчунин сохтори дурусти мантиқӣ, пайвастагии фикр ва боварибахш будани бастубанди назариявии рисола, истифодаи сарчашмаҳои муътамад ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ин соҳа таъмин менамояд.

Натиҷаҳои тадқиқот бешубҳа навоваронаанд. Диссертатсия як таҳқиқоти мувофиқ, мустақил ва анҷомёфта мебошад, ки дар мавзӯи аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим анҷом дода шудааст. Нашриҳои муаллиф ва автореферат мазмуни тадқиқотро ба таври кофӣ ва пурра инъикос мекунанд.

Бо вуҷуди дастовард ва комёбиҳои возеҳу равшани диссертатсия, қайд кардан лозим аст, ки дар дар он баъзе нуктаҳои мавриди баҳс ҷой доранд:

1. Яке аз муҳимтарин қисматҳои таҳқиқоти мазкур - маълум кардани сарчашмаҳои ташаккули афкори мутафаккирон оид ба озодии инсон ба ҳисоб меравад, ки ба таври куллӣ дуруст муайян гардидааст. Дар айни замон,

махсусан дар афкори динии мутафаккирони таърихии Осиёи Марказӣ таъсири афкори Абуҳанифа нисбат ба озодии инсон густариш пайдо карда аз сарчашмаҳои ғоявӣ будааст, ки дар рисола нисбат ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи камтар ба назар мерасад.

2. Гарчанде дар мавриди сарчашмаҳои афкори озодихоҳона ва дидгоҳи мутафаккирон нисбат ба озодии инсон муътазила ҳамчун яке аз сарчашмаҳо нишон дода шуда хеле васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст, масъалаи мазкур дар автореферат кутоҳ ва мухтасар таъкид мегардад. Ҳол он, ки ин равия аз таъсиргузорони асосӣ мебошад, ки дар ҳамаи дидгоҳҳои фалсафӣ таъсири худро ворид намудааст.

3. Дар асоси параграфи "1.3. Ақлгароӣ ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ" -тасаввуроте пайдо мешавад, ки ақлгароии машшоияи шарқӣ соф дар заминаи таъсири юнонӣ пайдо шуда дар ташаккули он махсусан таъсири Афлотун, на Арасту мавҷуд аст (с. 86), ки нуктаи баҳсталаб аст.

4. Дар диссертатсия шарҳи озодӣ аз нигоҳи тасаввуф оид ба таносуби фарду умум дар фаҳмиши он ичтиноб шуда бинобар ин озодии суфия якҷониба - чун рабби Худо шарҳ ёфтааст. (с.63, 86 ва баъд) Ҳол он, ки ин дидгоҳяке аз сарчашмаҳои ҳувиятсозӣ ва худшиносӣ буда, барои шарҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъбири мафҳуми "башар" истифода гардидааст, дар он озодии фард ва ҷомеа ( масалан дар нақшбандия "дар зоҳир бо халқ, дар ботин бо Ҳақ, дар мавлавия- мафҳуми мадоро ва инсони универсалӣ) тафсири нав пайдо менамояд, ки манбаъи антропосентризм гардид. Дар баъзе ҳолатҳо назаргоҳи тасаввуф ягона тарзи ифодаи озодии шахс ва афкори озодандешӣ мебошад.

5. Дар баъзе маврид шарҳи мафҳумҳо, тарҷумаи он баҳснок ба назар мерасад. (тарҷ. номи китоби Арасту Полтика ва ғ.)

Бо вуҷуди ин, ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда ба ҳеҷ ваҷҳ бартариҳои раднашавандаи рисоларо паст карда наметавонанд ва бояд танҳо

ҳамчун тавсияҳо барои такмил додани имкониятҳои тадқиқоти минбаъда баррасӣ шаванд.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст, мебошад. Инчунин, ба самти ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд. Пешниҳод менамоям, ки ба муаллифи диссертатсия Зикрзода Ҳобил дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа, дода шавад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, сарходими илмии шуъбаи
таърихи фалсафа Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баховаддинов, АМИТ Маҳмадҷонова
Муҳиба Талатҷоновна
E-mail: muhiba@bk.ru
Тел.: +992 918877009 (моб.)
2217796 (корӣ)

Имзои М.Т. Маҳмадҷоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ИФСҲ АМИТ ба номи
А. Баховаддинов Абдураҳмонзода Б.А.



02. 06. 2024